PLITONIT

ПРОФЕССИОНАЛ БУДАН ОСОН АСТ

Plitonit Deutsche Qualität

# PLITONIT СуперСтяжка – иловаи суперобредуксиякунанда барои бетонҳо ва маҳлулҳои сохтмонӣ




Маҳсулот ба сифати иловаи пластификатсиякунанда ва устуворкунанда (ба қабат ҷудошавии маҳлулро паст мекунад) ҳангоми омодакунии худкори кашишҳо, аз он ҷумла, дар системаи «фарши гарм» дар дохили биноҳои истиқоматӣ, идоравӣ ва саноатӣ-анборӣ, инчунин дар корҳои берунӣ татбиқ карда мешавад. Ҳамчун илова барои регбетони бо усули корхонавӣ истеҳсолшуда, ҳам ҳангоми омехтакунии рег ва семент бевосита дар объекти сохтмон татбиқ карда мешавад. Ҳаракатнокӣ ва ҷобаҷогузории қулайи маҳлули омодакардашударо бо сабуккунии ҳамворкунии кашиши нав ҷобаҷокардашуда, бо пасткунии талабот ба меҳнат ва камкунии мухлатҳои иҷроиши корҳо баланд мекунад. Самараи обредуксиякунӣ дорад, бо баландбардории мустаҳкамии нишонавии маҳлули сатхшуда аз +15% то +25% ва камкунии хатари ҳосилшавии тарқиш, нишастан ва мустаҳкамкунии қабати болоии кашиш. Қобилияти ҳаёти маҳлули омодашударо бо дарозкунии имконияти ҷобаҷогузорӣ ва пасткунии хатари гумшавии мавод зиёд мекунад. Зичии кашиши сахтшударо баланд карда, якхелагии беҳтарини сохторро таъмин мекунад, ва бо ин, интиқоли гармии системаи «фарши гарм»-ро зиёд мекунад.

**Бандубаст — канистраи пластикии 3 л, 10 л.**

- пластификатор барои кашиш пластикии омехтаи маҳлулиро баланд карда, сабукии ҳамворкуниро таъмин мекунад
- мустаҳкамиро то +25% баланд мекунад
- барои омехтаҳои худсоз ва СПС-и истеҳсоли корхонавӣ
- консентрат

**Хароҷоти мавод**

| Самараи талабкардашаванда | Хароҷоти илова, литр ба 100 кг моддаи хушк** | | |
|---|---|---|---|
| | Семент | ОСР М200 | ОСР М300 |
| Пластификатсияи асосӣ, пастшавии оби омехта* ба 13% | 0,5 л (500 мл) | 0,11 л 0,15 л (110-150 мл) | 0,14 л 0,18 л (140-180 мл) |
| Пластификатсияи баландкардашуда, пастшавии оби омехта* ба 20% | 0,83 л (830 мл) | 0,18 л 0,24 л (180-240 мл) | 0,23 л 0,29 л (230-290 мл) |
| Суперпластификатсия бо самараи худсахтшавии кашиш, камкунии оби омехташаванда* ба 28% | 1,67 л (1670 мл) | 0,37 л 0,48 л (370-480 мл) | 0,47 л 0,58 л (470-580 мл) |

* Камшавии оби сахтшавӣ нисбат ба қимати аз аввал аз ҷониби истеҳсолкунандаи омехтаи модификатсиянашуда додашуда.

** Ҳангоми ҳисобкунии хароҷоти илова ба омехтаи омодаи сементӣ-регӣ қоидаи зерин татбиқ карда мешавад: агар маълумот бошад, ки ҳангоми истеҳсоли СПС сементи тамғаи 500 истифода шуда бошад, илова аз рӯи қимати минималӣ, агар сементи тамғаи 400 бошад, аз рӯи максималӣ ворид карда мешавад. Агар маълумотҳои саҳеҳ оиди тамғаи сементи истифодашуда вуҷуд надошта бошанд, пеш аз гузаронидани корҳо омехтакунии санҷиширо барои муайянкунии воягузории самаранок бояд гузаронид.

## Усули татбиқ

Илова ҳамҷоя бо оби омехтакунанда ё ки баъд аз воягузории ҳамаи унсурҳои омехтаи маҳлулӣ ворид карда мешавад, ҳамзамон самараи пластификатсиякунандаи иловаро ба ҳисоб гирифтан ва миқдори обро тибқи тавсияҳои дар ҷадвали хароҷот овардашуда пешакӣ кам кардан лозим аст. Иловакунии илова бевосита ба омехтаи хушк манъ аст.

Барои татбиқ ба омехтаҳои модификатсияшудаи хушки сохтмонии истеҳсоли корхонавӣ тавсия дода намешавад.

**Намунаи ретсепти омехтаи маҳлулӣ бо ҷобаҷогузории баландшудаи қулайӣ барои кашиши баландсифат бо системаи "фарши гарм"**

| | |
|---|---|
| Регбетон М300 | 50 кг |
| Об | 5,4 л |
| Иловаи PLITONIT СуперСтяжка | 0,235 л -0,29 л (235-290 мл) |

ДИҚҚАТ! Тавсифномаи ашёи хоми минералӣ ё ки омехтаҳои омодакардашудаи модификатсиянашудаи истеҳсолкунандагони гуногун фарқ карда метавонанд, вобаста бо ин пеш аз оғози корҳо гузаронидани омехтакунии санҷишӣ дар воягузории минималии суперпластификатор ва, ҳангоми зарурият, таҳрир кардани консистенсияи омехта бо роҳи воридкунии миқдори иловагии иловаро тавсия медиҳем.

## Тавсифномаи техникӣ

| | |
|---|---|
| Ранг | ҷигарранги тира |
| Зичӣ, г/см$^3$ | 1,17-1,19 |
| Ҳиссаи вазнии моддаи хушк, % | 37-41 |
| РН-и маҳлул | 6-10 |

## Чораҳои эҳтиёт

Илова ба дараҷаи 4-уми хатарнокӣ (моддаҳои камхатар) аз рӯи СтД 12.1.007 мансуб аст. Ҳангоми иҷроиши корҳо аз дастпӯшакҳо, айнакҳои муҳофизатӣ, воситаҳои ҳифзи аъзоҳои нафасгирӣ истифода баред. Расидани илова ба пӯст ва чашмонро пешгирӣ кунед. Ҳангоми ба чашмон расидан дарҳол онҳоро бо миқдори зиёди об шӯед. АЗ КӮДАКОН ЭҲТИЁТ КУНЕД!

## Шартҳои кашонидан ва нигоҳдорӣ

Ҳамлу нақл ва нигоҳдориро дар ҳароратҳои на пасттар аз +5°С ва на бештар аз +40°С дар тараи герметикӣ пӯшидашуда, бо эҳтиёткунӣ аз таъсири нурҳои бевоситаи офтоб ба амал баровarda шавад.

## Таркиб

Об, омехтаи нимконденсатҳои сулфатсияшуда, ҷузъҳои иловагӣ, консервант.

## Кафолати истеҳсолкунанда

Истеҳсолкунанда мутобиқати иловаро ба талаботи ШТ 20.59.57-015-51552155-2020 ҳангоми риоя карда шудани шартҳои ҳамлу нақл, нигоҳдорӣ ва нишондодҳои дастурамали мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда кафолат медиҳад. Истеҳсолкунанда ҳангоми риоя накардан ба технологияи корҳо бо мавод, инчунин татбиқ гардидани он бо мақсад ва шартҳои бо дастурамали мазкур пешбининагардида ҷавобгарӣ надорад. Муҳлати кафолатии нигоҳдорӣ дар тараи истеҳсолкунанда - 24 моҳ аз рӯзи истеҳсол.

## Иттилооти логистикӣ барои канистраи 3 л.

Штрих-коди фардӣ 4607013045491 Миқдори канистрҳо дар паллет – 144 дона

## Иттилооти логистикӣ барои канистраи 10 л

Штрих-коди фардӣ 4607013042933 Миқдори канистрҳо дар паллет – 40 дона